# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 27.03.2026, №79**

Барои сазовор донистани Шарипов Некрӯз Гадомадович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 14 январи соли 2026, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №102 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Шарипов Некрӯз Гадомадович, 6 – уми марти соли 1993 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Шарипов Некрӯз Гадомадович унвонҷӯи кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Шарипов Некрӯз Гадомадович соли 2015 Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт хатм намудааст. Соли 2021 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, шуъбаи магистратураро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз бо касби иқтисодчӣ бомуваффақият хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 6 – уми марти соли 2021, протоколи №9 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Досиев Маҳмадшоҳ Назарович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

**- Исҳоқӣ Дилшод Илҳом –** номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори Департаменти кортҳои пластикии ҶСП «Спитамен Бонк», ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии Сафаров Сафулло Зикрилоевич таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №8, аз 03.03.2026) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода М.Р. санаи 04.03.2026 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин бароварда шудааст, ки диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳамияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарипов Некрӯз Гадомадович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 11 интишороти илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

***Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:***

[1-М]. Шарипов Н. Г. Роҳҳои мукаммалгардонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н. Г.Шарипов //Паёми Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2024/№4-2(69) саҳ.699-704. ISSN 2663-0389

[2-М]. Шарипов Н. Г. Асосҳои назариявии хавфҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва таснифиоти онҳо дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ [Матн] / Н. Г.Шарипов //Идоракунии давлатӣ, 2025/№2(73) Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ –Душанбе, 2025 с. 213-219 ISSN 2664-0651 (Print). ISSN 2709-8567 (Online).

[3-М]. Шарипов Н. Г. Такмили вазифаҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккули иқтитсоди рақамӣ [Матн] / Н. Г.Шарипов //Идоракунии давлатӣ 2025/3(74) Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ –Душанбе, 2025 с. 359-365 ISSN 2664-0651 (Print). ISSN 2709-8567 (Online).

***Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуи маводҳои конференсия:***

[4-М]. Шарипов Н. Г., Такмили механизми идоракунии хавфҳои бонки тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ [Матн] / Н. Г. Шарипов АИДНПҶТ, Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи "Механизмҳои муосири идоракунии давлатӣ дар шароити номуайянии рушди глобалӣ: назария, амалия, методология ва дурнамои рушд", бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаббуси шашуми байналмилалии Тоҷикистон «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда»), Душанбе – 2024.- С.537-542.

[5-М]. Шарипов Н. Г., Рақобат дар соҳаи бонкдорӣ: мушкилот ва имкониятҳо барои бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Н. Г. Шарипов АИДНПҶТ, Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи "Механизмҳои муосири идоракунии давлатӣ дар шароити номуайянии рушди глобалӣ: назария, амалия, методология ва дурнамои рушд", бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаббуси шашуми байналмилалии Тоҷикистон «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда»), Душанбе – 2024 - С.663-667.

[6-М]. Шарипов Н. Г., Досиев М. Н. Нақш ва таъсири қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт[Матн] / Н. Г. Шарипов, М. Н. Досиев //Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ Донишгоҳи давалатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Хуҷанд, 2025-С. 53-59

[7-М]. Шарипов Н. Г., Досиев М. Н. Қарзи бонкӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз»[Матн] / Н. Г. Шарипов, М. Н. Досиев //Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар АИДНПҶТ, Душанбе, 2025 – С 222-228

[8-М]. Шарипов Н. Г., Нақши инноватсияҳои бонкӣ дар баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ [Матн] / Н. Г. Шарипов, //Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар АИДНПҶТ, Душанбе, 2025-С. 228-234

[9-М]. Шарипов Н. Г., Досиев М. Н. Бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун омили рушди иқтисодии мамлакат дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ[Матн] / Н. Г. Шарипов, //Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Рақамикунонии сохтмон ва иқтисодиёти сабз: роҳ ба сӯи рушди устувор"дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ва Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ, Хуҷанд, 2025 – С. 16-26

[10-М]. Шарипов Н. Г., Досиев М. Н. Технологияи рақамӣ ва истифодаи самараноки он дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Н. Г. Шарипов, М. Н. Досиев // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Нақши

зеҳни сунъӣ дар саноат, энергетика, сохтмон, нақлиёт, тиб, кишоварзӣ, рақамикунонии иқтисодиёт ва рушди инноватсионӣ дар Тоҷикистон», Кӯлоб, 2025 – С. 249-253

[11-М]. Шарипов Н. Г. Самаранокии қарзи бонкӣ ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз” [Матн] / Н. Г. Шарипов, //Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Аудит дар шароити рақамикунонӣ:муаммо, афзалият ва дурнамо”, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Душанбе, 2025- С.88-92

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**Ҷурабоев Ғафурҷон Ҷурабоевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Агар дар таҳқиқ истифодаи васеътари моделсозии иқтисодӣ ва пешгӯии динамикаи нишондиҳандаҳои рақобатпазирӣ ворид мегардид, арзиши амалӣ ва таҳлили натиҷаҳо боз ҳам баландтар мешуд.

2. Муаллиф дар ҳимояи ошкоро шарҳ медод, ки кадом имкониятҳо ва механизмҳо ба бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон имконият медиҳанд, ки тавассути лоиҳаҳо муштарак технологияҳои инноватсионии муосирро ҷорӣ намуда, сатҳ ва сифати хизматрасониҳои бонкиро баланд бардоранд?

**2. Одиназода Шоҳин Талбакович - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти иқтисод ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон** бо чунин эрод:

1. Ба сифати эрод бояд қайд намуд, ки дар тадқиқоти анҷомдодашуда дар миқдори кам аз маводди олимони ватанӣ истифода бурда шудаанд. Илова бар ин, амсилаи амнияти иқтисодии бонкии тиҷоратӣ дар шароити муосир пешниҳод гардидааст, вале хуб мешуд агар ҳар як банди он дар алоҳидагӣ шарҳ дода мешуд.

**3. Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Дар автореферат мафҳуми «рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шарои иқтисодиёти рақамӣ» асосан дар асоси таҳлилҳои назариявӣ шарҳ дода шудааст. Бо вуҷуди ин, ки хусусиятҳои миллӣ ва институтсионалии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бештар инъикос намояд, мувофиқи мақсад мебуд.

2. Муаллиф истифодаи самараноки технологияҳои нави замонавиро ҳамчун омили баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳо ва коҳиши хавфҳои бонкӣ тавсия медиҳад. Хуб мешуд, ки дар рафти ҳимояи ошкоро паҳлуҳои асосӣ шарҳ дода мешуд, ки кадом технологияҳои мушаххас дар назар дошта шудаанд ва механизми татбиқи он чӣ гуна аст.

**4. Сатторзода Абдурасул Абдуғаффор – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Агар муаллиф моҳият ва аҳаммияти амсилаи ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамиро (расми 2, саҳ.10) шарҳу тавзеҳ медод, қимати илмии диссертатсия боз ҳам баландтар мешуд;
2. Дар матни автореферат баъзе мафҳумҳои баҳсталаб нисбати баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ба чашм мерасад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- консепсияи** илман асосноки назариявӣ ва мафҳуми иқтисоди рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, он ҳамчун омили асосии рушди босуботи бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ муайян карда шудааст. Муаллиф принсипҳо ва усулҳои асосии рушди иқтисоди рақамиро дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ муайян намуда, таъсири мусбии онро ба рушди фаъолияти бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва дар маҷмуъ, иқтисоди миллӣ нишон додааст;

**- исбот шудааст**, ки омилҳои таъсиррасон ба сатҳ ва сифати амалиёти бонкҳои тиҷоратиро муайян карда, инчунин, такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии онҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти истифодаи васеи технологияи рақамӣ ошкор намудааст;

**- роҳҳои** татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар рушди хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ таҳия гардидааст. Муаллиф ҳамчунин, мукаммал намудани нақши инноватсияҳои бонкиро, ки дар раванди гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ муфид арзёбӣ мегардад, пешниҳод намудааст. Инчунин, тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ асоснок карда шуда, пешниҳод гардидаанд.

***- тавсияҳои илман асоснок таҳия ва пешниҳод шудаанд:*** *а)* нақши технологияҳои инноватсионӣ дар рушди хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ муайян карда шуда, тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ пешниҳод гардидаанд; б) татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар

рушди хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ таҳия гардидааст; в) тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ асоснок карда шуда, пешниҳод гардидаанд.

***- омили муҳимми сарфаи вақт бо таҳқиқи асосҳои назариявӣ:*** Дар рафти таҳқиқот асарҳои иқтисодчиёни ватанӣ оид ба рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи Бонки миллии Тоҷикистон, ҳисоботҳои солонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводди конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ва семинарҳо, интернет-захираҳо, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра мавриди истифодабарӣ қарор гирифтаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо муҳтавои муқаррароти мактабҳои асосии илмии муосир, хусусан мактаби монетарӣ мувофиқат мекунанд ва натиҷаҳои илмии бадастоварда ва бо маълумотҳои расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволӣ давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи бонкдорӣ, таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хулосабандии мутахассисони соҳа, маводҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ доир ба рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ алоқаманд мебошанд.

***- исбот шудааст,*** ки имконияти истифода бурдани натиҷаҳои илмии бадастомада аз тарафи бонкҳои тиҷоратӣ, махсусан ташкилотҳои қарзӣ, ҳангоми коркард, таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти сиёсати бонкдории кишвар дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ, инчунин, истифодаи маводди таҳқиқот дар ҷараёни машғулиятҳои лексионӣ муфид арзёбӣ мегардад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок (бо дарёфти натиҷаҳои навгонии илмидошта):**

***- ғояи*** дар ҳолати ба таври илмӣ асоснок кардани баланд гардидани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самаранокии он бо роҳҳои муайянкунии омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди низоми бонкӣ таъсир расонида, истифодаи таҷрибаи мамолики мутараққии хориҷӣ дар самти бонкдорӣ самаранок истифода бурда мешавад. Инчунин, баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун унсури асосии рушди иқтисоди рақамӣ дар кишвар тавассути такмили танзим ва дастгирии давлатии низоми бонкӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ амалӣ гардидан имконпазир мегардад.

***- самтҳои*** дурнамои рушди рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ муайян карда шуда, механизмҳои мукаммалгардони равандҳои он дар фаъолияти рушди иқтисодиёти миллӣ муайян ва илман асоснок карда шудааст.

- ***омӯхта шудаанд:*** ҷанбаҳои назариявии мафҳуми иқтисоди рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, он ҳамчун омили асосии рушди босуботи бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ муайян карда шудааст. Муаллиф принсипҳо ва усулҳои асосии рушди иқтисоди рақамиро дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ муайян намуда, таъсири мусбии онро ба рушди фаъолияти бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва дар маҷмуъ, иқтисоди миллӣ нишон додааст;

- ***методикаи*** умумияти илмӣ, таърихӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, умумисозӣ, ҷамъбасткунӣ, таҳияи хулосаҳои мантиқӣ, моделсозӣ ва пешниҳоди гипотеза ва усулҳои ташхис гузаронида шуд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои “Молия ва қарз”, “Пул, қарз, бонк”, “Маблағгузории хурд”, “Фаъолияти бонкӣ” ва ғайраҳо дар кафедраҳои кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 26.10.2024 таҳти №53**). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти ТАҚҲ “Сарват” **(санади татбиқи натиҷаҳо аз13.05.2024 №3-2е/106**) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***консепсияҳои*** татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар рушди хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ таҳия гардидааст. Муаллиф ҳамчунин, мукаммал намудани нақши инноватсияҳои бонкиро, ки дар раванди гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ муфид арзёбӣ мегардад, пешниҳод намудааст. Инчунин, тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ асоснок карда шуда, пешниҳод гардидаанд.

- ***стратегияи*** нақши технологияҳои инноватсионӣ дар рушди хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ муайян карда шуда, тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ пешниҳод гардидаанд.

- ***пешниҳод шудааст*** тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ асоснок карда шуда, пешниҳод гардидаанд.

- **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба назарияи рақобатпазирии бонкҳои тиҷорати бо истифодаи технологияҳои рақамӣ, нақши давлат дар рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ, ҳавасмандгардонии давлатии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ***пешниҳод гардидааст,*** ки имконияти таъмини фаъолияти густурда ва самараноки фаъолияти сармоягузорро дар кишвар фароҳам оварда, бевосита ба сатҳи рушди иқтисоди миллӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат дар татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар рушди хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ таҳия ва

чунин **пешниҳодҳо ироа шудаанд**: 1) таҳияи стратегияи дақиқ ва банақшагирии стратегӣ барои рушдиояндаи фаъолият ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар хизматрасониҳои бонкӣ, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилот мусоидат мекунад; 2) рушди низоми таълим ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, ҳамчунин густариши ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ ва таблиғи фаъолонаи имкониятҳои рушди хизматрасонӣ дар бахши бонкӣ; 3) пешгирии таъсири хавфҳои муосир, ташаккули иқтисоди рақамии устувор, суръатбахшии раванди рақамӣ кардани хизматрасониҳои бонкӣ ва рушди нерӯи инсонӣ барои амалӣ намудани стратегияҳои рақобатпазирӣ; 4) истифодаи оқилонаи манбаъҳо ва равона кардани захираҳо ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла бахши воқеӣ, барои гуногунранг кардани фаъолияти бонкӣ ва устувор кардани рақобатпазирии ташкилотҳо.

***- усулҳои*** таҳлили маҷмуӣ ва диалектикӣ, ки усулҳои иқтисодӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯйӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқарраротои мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 85,37% ва 87,1% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллиф дар таҳияи ва такмил додани механизмҳои молиявии фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои ба он таъсиррасон саҳми муайян гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиши муқарраротои назариявӣ, масъалаҳои илмии молиявӣ ва иқтисодии фаъолияти бонкӣ дар шароити бозор муайян карда шудаанд; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои нақшаи корҳои илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳо, асосноккунии мавзӯъ ва мубраммияти он, инчунин арзёбӣ намудани нақши молиявӣ ва ташкилӣ дар рушди устувори рақобатпазирии бонкҳо муайян карда шудааст; 4) дар омода намудани 11 мақола, аз он ҷумла 3-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 10.1; 10,5; 10.6; 10.14;10.18 ва 10.21-и Шиносномаи ихтисосҳои

илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 27.03.2026 қарори сазовор донистани Шарипов Некрӯз Гадомадович бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда - 6 нафар. Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки дар ҷаласа иштирок доштанд, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 16 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионии**
**н.и.и.** **Убайдуллоев Ф.К.**